# Номи курс: Фаъолияти иқтисоди берунаи корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(*Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*).

**Week 2.** Types of external economic relations of enterprises in the Republic of Tajikistan

**lecturer: Rustamzoda Fitrat Muzafar**

## МАВЗӮИ 2. НАМУДҲОИ АЛОҚАИ ИҚТИСОДИИ БЕРУНА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Марҳалаҳои амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

2.2. Мафҳумҳои асосии фаъолияти савдои хориҷӣ

2.3. Санадҳои асосии меъёрию ҳуқуқии таъмини фаъолияти савдои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

2.4. Марҳалаҳои ташаккулёбии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Мақсади лексия:*** омӯзиши мафҳум ва марҳалаҳои амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ, мафҳумҳои асосии фаъолияти савдои хориҷӣ, инчунин Санадҳои асосии меъёрию ҳуқуқии таъмини фаъолияти савдои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марҳалаҳои ташаккулёбии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 2.1. Марҳалаҳои амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлили ҷараёни рушди фаъолияти иқтисоди берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳанӯз дар ибтидои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар самти танзими ҳуқуқии муносбатҳои иқтисодии хориҷи як қатор чораҳо амалӣ карда шудаанд.

Ҳамин тавр, 27 декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи асосҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шудааст. Фаъолияти савдои хориҷӣ ин ҳама намуди фаъолияти марбут ба интиқоли мол, дигар молу мулки моддӣ, ҳуқуқҳо ё хизматрасонӣ, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар ё дар қаламрави берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, ин соҳибкори дар соҳаи мубодилаи байналмилалии молҳо, кор ва хизматрасониҳо, иттилоот ва натиҷаҳои фаъолияти зеҳни (интелектуали) мебошад[1].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон"[2] муносибатҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистонро муайян карда, тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳимояи ҳуқуқҳо, манфиату амволи иштирокчиёни робитаҳои иқтисодии хориҷиро, сарфи назар аз шакли моликияташон, таъмин менамояд, барои якҷояшавии (интегратсияи) иқтисодиёти ҷумҳури бо низоми ҷаҳонии иқтисоди заминаи ҳуқуқи фароҳам меорад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.

Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ маҷмӯи амалҳои воқеии мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, фирмаю корхонаҳо, ассотсиатсияҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, консерну корхонаҳои муштарак, соҳибкоронро, ки минбаъд шахсони ҳуқуқию воқеи номида мешаванд дар бар мегирад ва мақсад аз ин амалҳо барпо намудан, ва рушди ҳамкории муфид бо давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқию воқеии онҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад.

---

1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ (АМОҶТ с.2012, №7, м. 696)

[2] Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994, № 1, мод.1; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004,№ 2, мод.35; соли 2007, №7, мод.677

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зери мафҳуми фаъолияти иқтисоди хориҷӣ фаъолияти тиҷорати берунӣ, сармоягузорӣ ва дигар намуди фаъолият, аз ҷумла кооператсияи истеҳсолӣ дар соҳаи мубодилаи байналмилалии молҳо, иттилоот, кору хизматрасонӣ, натиҷаҳои фаъолияти интеллектуаллӣ (ҳуқуқҳо ба онҳо) фаҳмида мешавад

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ:

- фаъолияти хоҷагиро дар соҳаи иқтисодиёти хориҷӣ, қонунан танзим мекунад;
- сиёсати иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла қарзию кредитӣ, тартиби квотаю литсензиякунонӣ, инчунин дигар муомилоти иғтисодии хориҷиро таҳия ва татбиқ менамояд;
- созишномаҳои байнидавлатӣ ва аҳдномаҳои байналмилалиро дар соҳаи фаъолияти иғтисодии хориҷӣ ва тиҷорати хориҷӣ имзо ва иҷро мекунад;
- манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони ҳуқуқию воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз марзи он ҳимоя менамояд;
- кафолатҳои ҳуқуқиро барои фаъолияти инвесторони (маблағ гузорони) хориҷӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ муқаррар мекунад;
- дар ташкилоту иттиҳодияҳои байналмилалии иқтисодӣ намояндагӣ мекунад;
- дигар ваколатҳоеро, ки аз Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, амалӣ мегардонад.

Субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва намуди фаъолияти иқтисодии хориҷиашон, дар амалӣ гардонидани ин фаъолият ҳуқуқҳои баробар доранд. Инчунин, дар доираи қонунгузории ҷорӣ метавонад намуд, шакл ва самти иштироки худро дар робитаҳои иқтисодии хориҷӣ мустақилона муайян намояд, бо тартиби муқаррагардида бо салоҳдиди худ дар асоси шартнома ё ба музд ё худ ба

таври ройгон шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро, ки барои фаъолияти иқтисодии хориҷии он заруранд, ҷалб намояд.

Субъекти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳуқуқ дорад, ки натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии худ, аз ҷумла даромади худро ба пули хориҷӣ, мувофиқи санадҳои қонунгузории Тоҷикистон соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намояд. Бо қарори субъект ҳуқуқи соҳибият, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ метавонад мувофиқи тартиби муқаррар намудаи қонун ба дигар шахсони ҳуқуқиву воқеӣ дода ё боварӣ карда шаванд. Муносибати тарафҳо ҳангоми ба тариқи ёдшуда додани ҳуқуқҳо дар асоси қарордодҳо (созишномаҳо) танзим мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон аз ҷониби давлат танзим кардани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар шакли зайл сурат мегирад:

- муқаррар намудани системаи андозу имтиёзҳои тафриқанок, аз ҷумла арзӣ;
- бунёд кардани системаи давлатии таъминоти иттилоотии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
- расонидани кӯмаки молиявӣ дар шакли субсидияҳо, субвенсияҳо, қарзҳои буҷетӣ, кредитҳои бонк, ки ба амалӣ гардонидану равнақ додани фаъолиятии иқтисодии хориҷии минтақа, соҳаю корхонаҳои алоҳида ва шаҳрвандони ҷудогона вобаста мебошанд;
- таҳия, бо пул таъмин кардан ва таҳқиқ намудани барномаҳои соҳавии комплексии инкишофи шаклҳои равобити иқтисодии хориҷии ҷумҳурӣ;
- таҳқиқ кардани қарордод, аҳднома, созишнома ва дигар асноди ҳуқуқии ба имзорасидае, ки ба манфиати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд;
- декларатсия кардани молҳо ва амволи дигаре, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир мегарданд;
- муқаррар намудани тартиби содироту воридоти маҳсулот (кору хизматрасонӣ);

- ташаккул додан ва истифода намудани фондҳои арзи ва фондҳои дигар.

Инчунин, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати танзими фаъолияти савдои берунӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» қабул ва мавриди амал қарор дод[3].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» асосҳои ҳуқуқӣ, ташкили ва иқтисодии фаъолияти савдои хориҷӣ, принсипҳои асосии фаъолияти савдои хориҷӣ, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти савдои хориҷиро танзим намуда, барои фароҳам овардани шароити мусоид ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва ҳамгироии самараноки он ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ равона гардидааст.

Қонуни мазкур дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, инчунин ба муносибатҳое, ки бевосита бо чунин фаъолият алоқаманданд, татбиқ мегардад. Муқаррароти Қонуни мазкур, ки ба хизматрасониҳои савдои хориҷии танзими давлатӣ дахл доранд, ба хизматҳои ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидашаванда татбиқ карда намешаванд.

## 2.2. Мафҳумҳои асосии фаъолияти савдои хориҷӣ:

- фаъолияти савдои хориҷӣ – ҳама намуди фаъолияти марбут ба интиқоли мол, дигар молу мулки моддӣ, ҳуқуқҳо ё хизматрасонӣ, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар ё дар қаламрави берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад;
- субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, ки мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур бо фаъолияти савдои хориҷӣ машғуланд;
- шахс – ҳар шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахси воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷии эътирофнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012, №7, мод.696

- мол – ҳар молу мулки моддӣ, ба истиснои коғазҳои қиматнок, ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ё маблағҳои пулӣ, ки барои мубодила ва фурӯш пешбинӣ шудааст;
- содирот – баровардани мол аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қаламрави давлати дигар мутобиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- воридот – ворид намудани мол аз қаламрави давлати дигар ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- транзит – интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар чунин интиқол танҳо аз қисми роҳе амалӣ гардад, ки берун аз ҳудуди қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ва анҷом меёбад;
- иҷозатдиҳӣ (ғайриавтоматӣ) – иҷозате, ки барои амалӣ намудани воридот ё содирот шарти пешакӣ буда, дар ҳолатҳои махсус дар асоси аризаи шахси манфиатдор аз мақомоти давлатӣ дар доираи расмиёти маъмурӣ гирифта мешавад;
- иҷозатдиҳии автоматӣ – иҷозати воридот ё содирот, ки танҳо барои мақсадҳои маъмурӣ ё оморӣ зарур буда, бидуни истисно, дар ҳар ҳолат аз тарафи мақомоти давлатӣ дода мешавад;
- ҳузури тиҷоратӣ – ҳар шакли бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатдодашудаи ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти дигари иқтисодии шахси хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё бо қонунгузории давлати хориҷӣ иҷозатдодашудаи фаъолияти шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави давлати хориҷӣ бо мақсади савдои мол ё хизматрасонӣ, аз он ҷумла бо роҳи таъсиси шахси ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ ё иштирок дар сармояи оинномавии (шариконаи) шахси ҳуқуқӣ;
- чораҳои маҳдудкунӣ - ҳамаи навъҳои мамнӯот, маҳдудиятҳои миқдорӣ, боҷҳои махсус (ба ғайр аз боҷҳои гумрукӣ, андозҳои дохилӣ ва ё ҳаққи

хидматрасонӣ), шартҳо, иҷозатномаҳо, иҷозатҳо ва ё чораҳои дигари аз ҷониби мақомоти давлатҳои дахлдор муқарраргардида, ки хусусияти маҳдудкуниро дар фаъолияти савдои хориҷӣ, ба истисної регламентҳои техникӣ, дороянд;

- маҳдудиятҳои миқдорӣ – дараҷаи интиҳоии арзиши умумӣ ва ё ҳадди ниҳоии молҳои муайяне, ки дар фосилаи муайяни вақт метавонанд содирот ва ё воридот шаванд, ҳамчунин манъи содирот ва ё воридот;
- квота – ҳисса дар арзиш ё миқдори умумии содирот ё воридоти ба шахс ё гурӯҳи шахсон (содиркунандагон ё воридкунандагон) тақсимшуда;
- боҷи зиддидемпингӣ – боҷи махсусе, ки ба воридоти мол ҷиҳати талофии оқибатҳои демпинг муқаррар карда мешавад;
- демпинг – воридоти молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нархи пасттар аз арзиши аслии онҳо, ки боиси расонидани зарари моддӣ ба саноати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёдшуда мегардад ё хатари расонидани онро дорад ва ё бунёди саноатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас бозмедорад;
- арзиши муқаррарӣ – нархи қиёсӣ барои моли шабеҳе, ки дар кишвари содиркунанда дар ҷараёни муқаррарии савдо пешбинӣ шудааст. Агар ин молҳо дар бозори кишвари содиркунанда фурӯхта нашаванд, пас нархи муқаррарӣ нархи болотарини қиёсии моли шабеҳе мебошад, ки барои содирот ба кишвари сеюм бо шароити бозори бо ҳамин шароит дар Тоҷикистон қиёсшаванда пешбинӣ шудааст, ба шарте ки ин нарх намунавӣ бошад ё арзиши истеҳсоли чунин молҳо дар кишвари истеҳсолкунанда ба маблағи қобили қабул барои хароҷоти маъмурӣ, савдо, хароҷоти умуми ва барои фоида зиёд карда шуда бошад;
- боҷи ҷуброни – боҷи махсусе, ки ба воридоти молҳо бо мақсади рафъи оқибатҳои ҳар як субсидияи дар кишвари истеҳсолкунанда ё содиркунанда мустақиман ё ба таври ғайримустақим барои истеҳсол ё содироти чунин молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда муқаррар карда мешавад;

- мусоидати молиявӣ (субсидия) – ҳар саҳми мустақим ё ғайрмустақими молиявӣ ё саҳми дигари ҳукумати кишвари истеҳсол ё содиркунанда ва ё мақомоти он, ки тавассути он ба истеҳсолкунанда ё содиркунанда бартарият дода мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки саҳми молиявии мазкур субсидияе бошад, ки барои андешидани тадбирҳо мутобиқи муқаррароти созишномаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо асос нагардад;
- саноати ватанӣ – истеҳсолкунандагони молҳои шабеҳи ватанӣ дар маҷмӯъ ё он истеҳсолкунандагоне, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли молҳои мазкури онҳо қисми асосии ҳамаи ин молҳои истеҳсоли ватаниро ташкил медиҳад;
- молҳои шабеҳ – маҳсулоте, ки аз ҳар лиҳоз бо маҳсулоти баррасишаванда айнияти комил доранд, яъне шабеҳ мебошанд ва ё дар сурати набудани чунин маҳсулот, маҳсулоти дигар, гарчанде аз ҳар лиҳоз шабеҳ набошанд ҳам, хусусиятҳои хеле монанд ба хусусиятҳои маҳсулоти баррасишавандаро доранд;
- истеҳсоли ватанӣ – истеҳсолкунандагони молҳои аёниятдошта, шабеҳ ё бевосита рақобаткунанда, ки маҳсулоти умумии онҳо ҳиссаи назарраси ҳаҷми умумии истеҳсоли ватании чунин маҳсулотро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунад;
- зарари ҷиддӣ – бадшавии умумии назарраси вазъи истеҳсоли ватанӣ.

## 2.3. Санадҳои асосии меъёрию ҳуқуқии таъмини фаъолияти савдои хориҷӣ дар Тоҷикистон

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 1991, № 452 «Дар бораи биржаи моли ва савдои биржави»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 1993, № 869 «Дар бораи фаъолияти иқтисоди беруни»;

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июни соли 1995 № 261 «Дар бораи озодсозии савдои беруни дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995, № 112 «Дар бораи танзим ва назорати асъор»;

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 1996, №424 «Дар бораи озодсозии амалиётҳои асъорӣ ва содироти»;

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 1997 №111 «Дар бораи чораҳо оид ба мукаммалсозии фаъолияи иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Точикистон»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 № 726 «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1999 №822 «Дар бораи танзими фаъолияти савдои хориҷӣ»;

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2001 №237 «Доир ба чораҳо оид ба беҳтарсозии гардиши молҳои ватанӣ дар бозори хориҷӣ»;

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2002 №135 «Дар бораи чораҳои муваққатӣ оид ба ҳимояи бозори дохили»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2002 №46 «Дар бори ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2003 № 9 «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2004 №19 «Дар бораи боҷи давлатӣ»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2004 №522 «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 №38 «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд»;

Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004;

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004 №72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон»;

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2005 №126 «Дар бораи аксизҳо»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006 «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2006 № 200 «Дар бораи гандум»;

Кодекс граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2007;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2007 № 260 «Дар бораи сармоягузориҳо»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2007 № 315 «Дар бораи ҳифзи табиат»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 октябри соли 2008 №430 «Дар бораи рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои молӣ»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 «Дар бораи танзими техникӣ»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 № 524 «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2011 №722 «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 №758 «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ».

Инчунин сиёсати савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти уҳдадориҳои байналмилалии қабулнамудаи мамлакат, бо қарордодҳои дуҷониба ва бисёрҷониба асос меёбад.

Дар натиҷаи амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ ва фароҳамсозии шароити мусоид барои рушди соҳибкориву тиҷорат Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло бо 109 давлати ҷаҳон, аз ҷумла бо мамлакати аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва 99 мамлакати хориҷӣ дур муносибатҳои тиҷоратӣ дошт[4].

Умуман, дар зарфи солҳои истиқлолият дар Тоҷикистон ислоҳоти иқтисодии амалигардида, имкон дод, ки шароити созгори соҳибкориву

---

[4] Социально-экономическое положение Республики Таджикистан за 2016г. Стат. сборник. – Душанбе: АСППРТ, 2017г.

сармоягузорӣ фароҳам оварда шавад. Инчунин, дар натиҷаи азму талошҳои пайваста имрӯз Тоҷикистон узви аксари созмонҳои бонуфузи байналмилалии ҷаҳонӣ мебошад. Ҳамин тавр, барои иштироки субъектҳои соҳибкории мамлакат дар савдои байналмилалӣ шароиту имкониятҳои зарурӣ омода карда шудааст.

Ҷараёни озодкунии фаъолияти хориҷӣ.

Дар солҳои истиқлолият рушди речаи иқтисоди берунаи ҷумҳурӣ тавассути як қаттор марҳалаҳои асосӣ – аз низоми устувори марказонидашуда то нисбатан озодсозии (либеразатсияи) пурраи амалиётҳои асъорӣ ва содиротиву воридотӣ ҷараён гирифтааст.

Заминаҳои меъёрии ҳуқуқие, ки барпошавии механизмҳои бозории хоҷагидориро мусоидат мекунанд таъсис ёфтааст;

* Хусусигардонии амоли давлати амалӣ ва рушди бахши хусусӣ;
* Озодсозии нархҳо, савдои хориҷӣ ва амалиётҳои асъорӣ амалӣ карда шудааст;
* Сиёсати пулию қарзӣ ва андозу буҷетӣ, ки ба зиёдшавии ҳаҷми қарзи беруна имкони намедиҳад таҳия ва роҳандози гардида истодааст;
* Легализатсияи (авфи) маблағҳои пулӣ ва амволи аҳолии мамлакат гузаронида шудааст.

## 2.4. Марҳалаҳои ташаккулёбии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

➢ Марҳалаи якум солҳои 1991 - 1995. Амалан монополияи давлатӣ ба содирот, ки тавассути квотаҳо, фармоишҳои давлатӣ, литсензияҳо (иҷозатномаҳо), андозҳои содиротӣ ва ҳатман ба фонди давлатии асъор супоридани асъори хориҷии ба даст омада хусусиятҳои хоси марҳалаи якум ба ҳисоб меравханд.

Дар натиҷа камшавии содирот ва васеъ истифодашавии қарордодҳои бартерӣ (мол бо мол иваз шудан), кушодани суратҳисобҳои асъорӣ дар хориҷӣ кишвар пайдо шудааст.

- Марҳалаи дуюм солҳои 1995-1996. Гузариш ба усулҳои иқтисодии танзими ФИБ тавассути танзими гумрукиву тарифи ва бекор кардани монополияи давлат ба савдои беруни.

Фармонҳои Президенти мамлакат “Дар бораи озодсозии минбаъдаи савдои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (27 июни 1995с) ва аз 24 феврали соли 1996 “Дар бораи либерализатсияи амалиётҳои асъорию содироти ва чораҳо оид ба таъмини пурра ба ҷумҳурӣ ворид кардани асъори ба даст омада”.

Дар ин давра боҷи содироти ворид карда шуда, тартиби ҳатмии ба захираҳои тиллову асъоии Бонки миллӣ фурухтани қисми асъори ба даст омада амал мекард.

- Марҳалаи сеюм солҳои 1996-2007. Пурра бекор гардидани боҷҳои гумрукии содироти ва тартиби ҳатмии ба захираҳои тиллову асъории Бонки миллӣ фурухтани қисми асъори ба даст омада, барҳам додани маҳдудиятҳои асъори доир ба амалиётҳои ҷории беруни, аз ҷумла сармояҳои хориҷӣ, барҳам додани ширкатҳои давлатии фурӯши пахта, ягонасозии қурби мубодилаи расмии асъори миллӣ, ягонасозии меъёрҳои тарифҳои гумрукӣ ва ғайра хусусиятҳои хоси ин давра мебошанд.

- Марҳалаи чорум аз солҳои 2007 - 2018. Тақвиятёбии шарикии давлат, бахши хусусӣ ва ташаккулёбии шароитҳои мусоид барои фаъолияти иқтисоди беруна.

Аз ҷумла, таъсиси Шӯрои машваратии назди Президенти Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ бо иштироки намояндагони бахши хусусӣ, аз ҷумла ширкатҳои хориҷии сармоягузор ва институтҳои байналмилалии молиявӣ (2007с), ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳамаи вилоятҳо, эътироф ва ба имзорасонии як қатор конвесияҳои байналиллалӣ ва ниҳоятан шомилшавӣ ба узвияти СУС (аз 2 марти соли 2013).

Дар ин марҳала раванди таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ вусъати тоза пайдо намуда, ҳоло дар Тоҷикистон 5 минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият намуда истодааст.

Ҷараёни ташаккулёбии фаъолияти савдои хориҷии мамлакат нишон медиҳад, ки Тоҷикистон бо сабабҳои объективи ва субъективи дар марҳалаи аввали гузариш ба иқтисоди бозори мушкилоти вазнинро паси сар карда марҳала ба марҳала ислоҳоти фарогир амали кардааст.

**Ҳоло методҳои танзими ФИБ, ки давлат истифода мебарад метавон бо таври зерин гурӯҳбанди намуд:**

* Иқтисодӣ: гумрукиву - тарифи, андози, асъорӣ, мусоидатсозии экспорт.
* Маъмурӣ: маҳдудиятҳои миқдори (лицензияҳо, квотаҳо), манъкунанда (манъи экспорта ва импорти молҳои алоҳида, эмбарго ба савдои кишварҳои алоҳида), назорати сифат ва ғайра.
* Тиҷоративу сиёсӣ: фароҳам овардани шароти мусоид барои баромадан ё дастрасӣ ба бозорҳои беруна

Бо вуҷуди фароҳамсозии шароити мутобиқ ба муносибатҳои савдои хориҷӣ солҳои охир мукаммалсозии заминаҳои меъёриву ҳуқуқи идома дорад. Аз ҷумла, бо мақсади ба талаботи меъёрҳо ва қоидаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мутобиқ намудани қонунгузории мамлакат, зиёда аз 100 санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қоидаҳои ин созмон мутобиқ гардонда шуд. Инчунин дар ин марҳала кодексҳои гумрук, андоз, мурофиавии шаҳрванди, мурофиавии судии иқтисодӣ, қонунҳо дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқи, низоми иҷозатномадиии ва ғайра такмил ва мавриди амал қарор гирифта, қонунҳои нав оид ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ қабул гардиданд.

Бешак, ҳоло дар Тоҷикистон дар самти тиҷорати молу маҳсулот ва хидматрасониҳо қоидаҳои муайян ҷори намуда, бахши тиҷорат ба низом даровarда шудааст. Илова бар ин, узвият ба созмонхои байналмилалии иктисодиву молиявӣ имкон фароҳам меорад, ки ба иқтисоди кишвар сармояи

хориҷи бештар ворид шавад. Дар шароити феъли ин барои кишварамон хеле зарур аст.

Инчунин, шароити беҳтари дастраси ба бозорҳои ҷаҳони, ҳалли баҳсҳои тиҷорати тавассути низоми байналмилалӣ, пойин бурдани боҷу хироҷҳои гумрукиву молиётӣ ва дар натиҷа ба рӯи ширкатҳои хориҷӣ боз шудани бозори дохили ва ҳатто бозори хариди давлатии ҷумҳурӣ, коҳиши заминаҳои фасод ва дар маҷмӯъ, ҷолибтар кардани иқтисоди Тоҷикистон барои сармоягузории хориҷӣ аз ҷумлаи манфиатҳоест, ки ба даст хоҳад овард. Ҳамин тавр, зарурати ҳар сол аз нав аз Иттиҳоди Аврупо – бозори асосии фурӯши пахта ва алюминий, дархост кардани квотаҳои фурӯш барои ин ду маҳсулоти умдаи содиротии мамлакат аз байн рафта, дар натиҷаи амалисозии сиёсати воридотивазкунанда ва рушди содирот тавозуни савдои хориҷи тадриҷан беҳтар карда мешавад..

Дар ин самт, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда зарур мебошад.

Вуруд ба тиҷорати байналмилалӣ дар доираи қонунҳоест, ки тамоми кишварҳои узви СУС пазируфтаанд. Аз ҷониби дигар дар сиёсати савдои хориҷии бархе аз кишвархои абарқудрат сиёсати протексионистӣ баръало эҳсос мегардад ва ин падидаи манфи ба низоми мавҷудаи савдои байналмилали хатар эчод мекунад.

Нархи баланди маводи сӯхту барқ ва дигар мушкилоти мавҷуда боис мешавад, ки арзиши маҳсулоти ватанӣ аз моли воридотӣ бештар гардад. Итминон дорем, ки бо рақобатпазир гардидани маҳсулоти ватанӣ ин мушкилот аз байн меравад.

**Хулоса,** хамгироии Тоҷикистон ба низоми тиҷорати байналмилали оғози марҳалаи нави созандагӣ ва идомаи ислоҳоти конструктивӣ дар тамоми ҷабҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус дар такмили низоми тиҷорати озоду шаффоф хоҳад шуд. Ҳамзамон бо ин, мутобиқсозии иқтисоди миллӣ ба талаботи савдои байналмилали ва шароити муракаби муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои

истеҳсоли ватанӣ ва рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидати калон дорад.

- ➢ Марҳалаи панҷум аз соли 2018 то ин ҷониб. Тақвияти ҳадафҳои стратегии кишвар, иловашавии ҳадафи саноатикунонии босуръат;
- ➢ Роҳандозии сиёсати воридотивазкунанда ва истеҳсоли моли содиротӣ;
- ➢ Пайгирии сиёсати коркарди ашёи хом дар дохили мамлакат.

**Саволҳо барои мустаҳкамкунии мавзӯъ**:

1. Марҳалаҳои асосии ташаккулёбии фазои мусоиди муносибатҳои иқтисоди беруна дар мамлакатро номбар намоед.
2. Озодсозии фаъолияти савдои беруна дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ диҳед.
3. Мақомотҳои давлатие, ки танзим ва идоракунии фаъолияти иқтисоди берунаро амалӣ менамоянд, номбар кунед.
4. Методҳои танзими фаъолияти савдои берунаро номбар кунед.